**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст**.

Ҷаҳонишавӣ падидаи маълумотпазирии ҷамъият, вусъатёбии истилоҳоти интернет, чи дар доираи мутахассисон ва чи дар байни мардуми одӣ, заруратеро ҳувайдо месозад, ки тамоми истилоҳоти навин бо тамоми хусусиятҳои маъноӣ ва сохторӣ дар забонҳо ба таври амиқ омӯхта шаванд. Муҳиммияти омӯзиши истилоҳоти компютерӣ ба мо имкон фароҳам овард, ки истилоҳоти интернетиро чун яке аз шохаҳои муҳими истилоҳоти компютерӣ ба таври саҳеҳ мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Ба ҳамагон равшан аст, ки таҳқиқи истилоҳоти компютерӣ, махсусан истилоҳоти интернетӣ, шавқи забоншиносони муосирро дар бобати масъалаҳои истилоҳот рӯз аз рӯз меафзояд. Масъалаҳои гузаронидани чунин таҳқиқот навгонӣ ба шумор рафта, динамикаи ташаккулёбӣ ва корбасти истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бори аввал ба таври мукаммал гурӯҳбандӣ шуда, ҳам аз ҷиҳати сохтор ва ҳам аз ҷиҳати маъно, дар раванди таҳлилу омӯзиш қарор мегиранд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он асос меёбад, истилоҳоти интернетӣ то имрӯр дар забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди таҳқиқи алоҳида ва ҳаматарафа қарор нагирифтаанд. Падидаи ҷаҳонишавии ҷомеа ва ворид гардидани истилоҳоти интернетӣ ба ҳаёти рӯзмарра, ҳам ба мутахассисони соҳаву ҳам ба корбарони техника таъсир гузоштааст. Умуман, тамоми касбу фаъолияти муосири инсонро бе шабакаи интернет тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Интернет дар доираи илму техника барои муносибати одамон дар ҷодаи фарҳанг, тамаддун, сиёсат, иқтисодиёт ва умуман барои муоширати озод доштан мусоидат мекунад.

Дар рисола дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ масъалаҳои зерин ҳаллу фасл гардидаанд:

- муайян намудани ҷанбаҳои назарии забоншиносии интернетӣ;
- баррасӣ ва таҳқиқ намудани роҳҳои ташаккули истилоҳоти интернетӣ ва ба марҳилаҳо тақсим кардани онҳо;
- таснифоти мавзӯъҳо ва категорияҳои соҳавии стилоҳоти интернетӣ дар асоси мисолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;
- муайян кардани хусусиятҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ;

- таснифи ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ мувофиқ ба шаклу аломатҳои маъноӣ ва сохторӣ;

- омӯхтани хусусиятҳои гуногуни маъноии истилоҳоти интернетӣ;

- пайдо намудани омилҳои сермаъноии истилоҳоти интернетӣ;

- муайян кардани фарқияти омонимияи истилоҳоти интернетӣ ва воҳидҳои луғавии муқаррарӣ;

- гурӯҳбандии маъноҳои антонимии истилоҳоти интернетӣ;

- синонимҳо ва сабабҳои пайдоиши онҳо дар системаи истилоҳот ва таснифи синонимҳои истилоҳоти интернетӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дар таҳқиқи мазкур аввалин маротиба ҷанбаҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасии ҳаматарафа қарор гирифта, вижагиҳои сохтор ва маънои онҳо мушаххас гардидааст. Ҳамчунин, дар диссертатсияи мазкур аввалин маротиба сабабҳои таҳаввулоти маънои истилоҳоти интернетӣ муайян карда шуда, инчунин, бо мисолҳо ҳолатҳои метонимия, метафора ва синекдоха дар ин низом асоснок шудаанд, ҳамзамон, роҳҳои риоя ва ҳифзи маънои устувори истилоҳот мушаххас шудааст.

**Унвонҷӯ чунин нуктаҳоро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:**

1. Ҷанбаҳои назарии истилоҳот ва таърихи пайдоиши истилоҳоти интернетӣ, ки бо марҳилаҳо муайян гардидаанд, собит менамояд, ки забоншиносии интернетӣ яке аз қабатҳои забоншиносии компютерӣ ба шумор рафта, вижагиҳои соҳавию касбии гуногунро доро мебошад;

2. Таснифоти мавзуии истилоҳоти интернетӣ ва роҳҳои рушду ташаккулёбии онҳо бо таъсири технологияи иттилоотиву рақамӣ, инчунин, масъалаҳои мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти интернетӣ бештар бо роҳи транслитератсия сурат гирифтааст;

3. Хусусияти сохтории истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз рӯйи сохтор ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ табақабандӣ мешаванд, ҳамчунин, бо роҳҳои маъмули таҳлили сохтории истилоҳоти интернетӣ, чун аффиксатсия, композитсия, конверсия ва ихтисора мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои онҳо муайян шудаанд;

4. Ихтисораҳо яке аз роҳҳои маъмултарини ташаккули истилоҳоти интернетӣ ба шумор мераванд ва аз ин лиҳоз, навъҳои ихтисораҳои интернетии забони англисӣ ва аз рӯйи шаклу аломат муайян шуда, ба гурӯҳҳо тақсим шудаанд;

5. Хусусиятҳои маънои истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар натиҷаи тағйироти маъноӣ ба вуҷуд меоянд ва омилҳои сермаъноӣ дар падидаҳои метонимия, метафора ва синекдоха зуҳур меёбанд;

6. Яке аз сабабҳои пайдо гардидани синонимҳо дар истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ ин аз воҳидҳои луғавии муқаррарӣ ба истилоҳ табдил ёфтани онҳо мебошанд;

7. Омонимҳои истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз омонимҳои воҳидҳои луғавӣ фарқияти назаррас доранд ва дар ин росто сермаъноӣ аз омонимия бо хусусияти маъно ва бо алоқамандии маъно ва мафҳум фарқ мекунанд.

Барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои таҳқиқи худ муаллифи рисола ба пажуҳиши назарии соҳаи истилоҳшиносӣ С.В. Гринева, В.А. Татаринова, С.Ю. Бабанова, О.А. Кармизова, Н.В. Виноградова, Е.Н. Галичкина, Е.В. Лушникова, Т.В. Акулинин, С.Н. Антонова, А.А. Агабекова, И.А. Беликов, В.М. Лейчик, М.Ҳ. Султон, Т. Шарипов, З.М. Мусоямов, П.Г. Нуров, Т.К. Ҷураев, Ҳ.А. Асламов, такя намуда, хулосаҳои хешро пешниҳод намудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он бармеояд, ки** натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҷриба барои омӯзиши истилоҳоти интернетӣ, на танҳо ба мутахассисони соҳа, балки ба тамоми мардум дар раванди истифодабарии шабакаҳои интернетӣ маводи ёрирасон бошад. Натиҷаҳои бадастомада, инчунин, метавонанд ба тарҷумонҳо барои беҳтар кардани сифати кору фаъолияташон мусоидат кунад. Таснифоти ихтисораҳои интернетӣ низ метавонад дар оянда ба фаъолияти тамоми корбарони интернет осонӣ орад, зеро моҳият ва рамзҳои интернетӣ пурра ба забони тоҷикӣ дар шакли муодилҳои забон таҳия ва таҳлил гаштаанд. Маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълим дар мактабҳои олӣ, равияи филологӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад хидмат кунад. Азбаски муоширати интернетӣ бо рамзу аломатҳо дар кишварҳои хориҷа хеле маъмул ва мустаъмал гаштааст, маводи ҷамъовардашуда, ки бештар рамзҳо, сленг ва аломатҳои интернетиро дар бар мегирад, метавонад ба мардуми тоҷик як маводи ёрирасон дар раванди муоширати интернетӣ, тиҷорат, иқтисодиёт ва мубодилаи мухобирот низ хидмат кунад.

Диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳоҷӣ «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ

ва тоҷикӣ)» номгузорӣ шуда, аз муқаддима, се боб, дувоздаҳ фасл, чор зерфасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва замимаи «Фарҳанги мухтасари иститоҳоти интернетии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» иборат мебошад.

Боби аввали диссертатсия **«Истилоҳоти интернетӣ ҳаимчун система дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ном дошта, аз чор фасл иборат аст.

Фасли аввали боби якум **«Ҷанбаҳои назарии истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ дар забоншиносии муосир»** унвон гирифта, дар он заминаи таҳқиқи масъалаҳои назариявию амалии истилоҳ ва роҳу усули созмони истилоҳоти илмии техникӣ дар забони тоҷикӣ, пайдоиш ва ташаккули истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ ва марҳилаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти интернетӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Фасли дуюми боби аввал **«Интернет: таърих ва ташаккули низоми истилоҳоти он»** ном дошта, дар бораи аввалин мошини ҳисоббарори ҳақиқӣ аз тарафи Блез Паскал, пайдоиши аввалин шабакаи интернет ва навгониҳои соҳаи компютер маълумоти мухтасар оварда шудааст.

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои назариявии забоншиносии интернетӣ»** номгузорӣ карда шудааст, яъне дар он муҳаққиқ яке аз бахшҳои нав ва муҳими забоншиносӣ, забоншиносии интернетиро баррасӣ намудааст. Дар ин фасл дисертант фикру ақидаи забоншиносонро овардааст, ки онҳо забоншиносии интернетиро як шохаи алоҳидаи илми забоншиносӣ меҳисобанд.

Дар фасли чоруми боби аввал, ки **«Таснифоти мавзӯии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** номгузори шудааст таснифоти гуруҳии истилоҳоти интернетӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои сохтории истилоҳоти Интернетӣ»** ном дошта, аз 3 фасл ва 4 зерфасл иборат мебошад.

Дар фасли якум **«Роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ»** зери таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Роҳҳоу усулҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетиро муҳаққиқ ба шаш гурӯҳ: таърихӣ, умумисистемавӣ, лингвистӣ, сохторӣ, функсионалӣ ва маъноӣ ҷудо кардааст, ки ҳар кадомаш шарҳи худро дар рисола ёфтааст.

Фасли дуюми боби дуюм **«Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ»** ном дорад. Дар зерфаслҳои ин бахш истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати сохт ба содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ гуруҳбандӣ гардида таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия **«Ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ»** ӯнвон гирифта, муаллифи рисола дар бораи ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ, ки зиёд дар шабакаҳои интернетӣ мушоҳида

мешаванд маълумоти муфассал овардааст. Аз ин лиҳоз, муҳимияти омӯзиши ихтисораҳои интернетӣ аз рӯи сохт ва ягонагиашон бамиён меояд. Аз дигар тараф, зарур аст, ки ихтисораҳои интернетиро, ки метавон аз лиҳози сохт ба категорияҳои махсуси истилоҳот ворид мешаванд, омӯхт.

Дар фасли сеюм **«Хусуссиятҳои маъноии истилоҳоти интернетӣ»** мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз рӯйи маводҳои ҷамъовардашуда маълум мегардад, ки истилоҳоти интернет хосиятҳои универсалии маъноиро ба худ касб кардаанд. Истилоҳ чун воҳиди луғавии одӣ дорои шакл ва мундариҷа мебошад. Истилоҳро шаклан аз калимаҳои умумии забонӣ фарқ кардан ғайримкон аст, зеро истилоҳ низ мисли калимаҳои одӣ шаклан сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешаванд, вале мазмунан истилоҳро аз рӯи маъно ва корбурд метавон аз калимаҳои муқаррарӣ ба куллӣ фарқ намуд.

Дар фасли якум **«Сермаъношавии истилоҳоти интернетӣ»** таҳқиқ гардида, таъкид шудааст, ки мувофиқи ақидаи истилоҳшиносони ватанию хориҷӣ истилоҳот дорои як маъно мебошанд, аммо дар ин бахш баъзе истилоҳоти интернетӣ мушоҳида мешаванд, ки дорои ду ё се маъно мебошанд.

Дар фасли дуюми ин боб **«Хусусиятҳои синонимҳои истилоҳотӣ»** таҳқиқ гардидаанд. Дар истилоҳшиносӣ синонимҳо бо омилҳои лингвистӣ ва экстралингвистӣ ба вуҷуд омадаанд. Ба омилҳои лингвистӣ дар забони модарӣ барои пурра ва мукаммал инъикос кардани воқеият ва мафҳуми ақида як катор калимаҳои ба ҳам аз рӯи маъно наздик истифода мегарданд, ки онҳо дар натиҷа силсилаи синонимҳо мешаванд. Омили берунизабонӣ бошад, дар як самт ва як соҳа дар раванди ташаккул ёфтани техника ва технология истилоҳоти нав низ рушд менамоянд ва корбарони он соҳа кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки истилоҳотро ихтисор кунанд ё ин ки ба ҷои онҳо сленг бештар истифода баранд.

Дар фасли сеюми боби сеюм **«Омонимия дар истилоҳоти интернтӣ»** мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Омонимия дар истилоҳот хеле маҳдуд мебошад, зеро омонимияи истилоҳоти интернетӣ аз омонимияи воҳидҳои луғавӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Омонимҳои воҳидҳои луғавӣ метавонанд дар тамоми соҳаҳо бо маъноҳои гуногун истифода гарданд, вале дар истилоҳот бошад омонимия танҳо дар доираи системаи истилоҳот давр мезанад.

Дар фасли чоруми боби сеюм **«Хусусиятҳои антонимии истилоҳоти интернетӣ»** таҳлилу баррасӣ шудаанд. Антонимияи истилоҳоти

интернетӣ нисбат ба калимаҳои муқаррарӣ бештар равнақ ёфтаанд, зеро ҳар як падидаи технологияи иттилоотӣ як падидаи нодир буда, бо мафҳумҳои махсус дар шакли истилоҳ зоҳир мегардад.

Дар фасли панҷуми боби сеюм бошад **«Хусусиятҳои маҷозии истилоҳоти интернетӣ»** мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Истилоҳоти интернетӣ бештар бо роҳи маҷозӣ хусусияти сермаъноиро дар худ касб мекунанд. Маҷозро бештар дар сленги интернетӣ метавон вохӯрд. Ин ҳама ҷузъиёт ва хусусиятҳои маъноии истилоҳоти интернетӣ дар натиҷаи тағйир ва табодулоти маъноӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар хулосаи диссертатсия унвонҷӯй тамоми бобу зербобҳоро натиҷагирӣ намуда, доир ба муҳиммияти ҳар як қисмати диссертатсия нуктаи назарашро ба таври мушаххас баён намуда, хулосаи мантиқӣ мебарорад ва натиҷаҳои таҳқиқоташро ҷамъбаст мекунад.

Воқеан, аз мазмуни диссертатсия, хулосаи кор ва рӯйхати адабиёт маълум мегардад, ки диссертант дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи мақолаву дастурҳо, китобҳое, ки бевосита аз ҷониби забоншиносон бахшида ба мавзуи тадқиқот навишта шудаанд, маълумоти матлуберо баён сохта, барои инкишофи минбаъда ва аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ доштани он пешниҳодҳои муфидеро овардааст.

Диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ муайян шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Шайдуллои Ҳоҷӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар рисолаи тақризшаванда, дар баробари комёбию муваффақияти зиёди илмӣ, баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва мавридҳои номафҳум ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо зарур буда, барои боз ҳам боло рафтани эътимоднокии илмии рисола муфид хоҳанд буд:

1. Ба андешаи мо, дар қисмати "Мубрамии мавзуи таҳқиқот" на ҳама нуктаҳое, ки мубрамии мавзуи интихобшударо бояд нишон

диҳанд, оварда шудаанд. Ҳол он ки мавзуъ хеле мубрам арзёбӣ шуда, диссертант метавонист ба таври хеле мухтасар зарурати интихоб ва муҳиммии онро дар ин қисмат иброз дорад.

2. Беҳтар мебуд, агар дар қисмати хулосаи рисола натиҷагириҳои бадастомада дар шакли тезисҳои мушаххас бе такрори фикрҳо нишон дода мешуданд.

3. Рисола аз ғалатҳои имлоиву услубӣ орӣ набуда, ба таҳрири ниҳоӣ ниёз дорад.

4. Ба назари мо, доираи фарогирии маводи диссертатсия хеле васеъ аст ва онро метавон дар доираи маҳдудтар низ таҳлил кард.

5. Таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ, бахусус забоншиносони англис камтар ба назар мерасад.

Эродҳои номбурда ба моҳияти илмии рисола таъсир нарасонида, ислоҳи онҳо баҳри беҳтар сохтани сифати кори илмӣ хизмат менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илми филологӣ, профессори
кафедраи забонҳои хориҷии
назди Раёсати АМИТ Парвонахон Ҷамшедов

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 30,
E-mail: pjam07@mail.ru
Тел: (+992) 919-00-20-53

Имзои профессор П. Ҷамшедовро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои АМИТ Муродова М. Р.

«29» августи с. 2023.